**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –**
**доктор аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10.04.2025, № 94

Барои сазовор донистани Қурбонзода Рудобаи Исмоил, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) 2-юми феврали соли 2025, суратҷаласаи № 85 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонзода Рудобаи Исмоил 15-уми майи соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2010 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 22-и ноҳияи Восеъ, соли 2017 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи «Аъло» ва соли 2019 зинаи магистратураро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Солҳои 2019-2021 ба ҳайси докторанти PhD дар кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба пажуҳиш машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии муассисаи мазкур фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**.

**Муқарризони расмӣ**: **Абодуллоева Сафина Юсуповна,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва **Табарзода Хайрулло Назар,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикӣ Назаров Меҳрубон Ниёзмадович, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Саидов Ҷаббор Зубайдович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи мазкур Раҳмонов Маҳмурод Бегмуродович имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Қурбонзода Рудобаи Исмоил доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз ин теъдод 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Китоб ва монография:

[1-М]. Қурбонзода, Р.И. «Таърихи Бухоро» – махзани ном (таҳқиқи таърихӣ, забоншиносӣ ва оморӣ) / Р.И. Қурбонзода. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2023. – 120 с.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[2-М]. Қурбонзода, Р.И. Таҳқиқи лингвистии антропонимияи тоҷикии «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ / Р.И. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 62-66.

[3-М]. Қурбонзода, Р.И. Таҳлили лингвостатистикии томонимияи «Бухоро» ва «Самарқанд» дар «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ / Р.И. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 57-61.

[4-М]. Ҳомидов, Д.Р., Қурбонзода, Р.И. Таснифи дараҷавӣ ва мавқеи номҳои ифтихорӣ дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ / Д.Р. Ҳомидов, Р.И. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2022. – № 4 (29). – С. 84-91.

[5-М]. Қурбонзода, Р.И. Нигориши забонии хрематонимияи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ / Р.И. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. – № 4-2 (33). – С. 154-162.

## III. Мақолаҳои муаллиф дар нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Қурбонзода, Р.И. Тадқиқи лингвостатистикии топонимияи «Бахоро» дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ / Р.И. Қурбонзода // Маводи (фишурдаи) конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессору омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (солҳои 2020-2040) (шаҳри Кӯлоб, 14-16 апрели соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 129-130.

[7-М]. Қурбонзода, Р.И., Зайналбии С. Наршахӣ ва «Таърихи Бухоро»-и ӯ / Р.И. Қурбонзода, С. Зайналбӣ // Маводи (фишурдаи) конференсияи

илмӣ-назариявии ҳайати профессору омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (солҳоҳ 2020-2040) (шаҳри Кӯлоб, 14-16 апрели соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 130-132.

[8-М]. Қурбонзода, Р.И. Бозбинӣ ва мавқеи гидронимия дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ / Р.И. Қурбонзода // Забон – рукни тоат (маҷаллаи илмӣ. № 14). Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV» (ба ифтихори 90-солагии д.и.ф., узви вобастаи АМИТ, профессор Қосимова М.Н.) (Душанбе, 16-уми январи соли 2023). – Душанбе, 2022. – С. 448-453.

[9-М]. Қурбонзода, Р.И., Абдусамадзода, Э.А. Таҳлили луғавӣ-маъноии оронимия дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ / Р.И. Қурбонзода, Э.А. Абдусамадзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Стратегии и тендеры развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Душанбе, 24 октябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 10-16.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сардори шуъбаи робитаҳои хориҷии Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Гулямов Ҳайдар Қаландарович** мусбат буда, бо назардошти зикри дастовардҳои илмӣ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Ба андешаи мо, дар сенздаҳ банд вазифагузорӣ намудани «Вазифаҳои таҳқиқ» каме зиёдтар ба назар мерасад. То даҳ банд масъалагузории ин қисмат кифоят мекард.

2. Муҳаққиқ дар автореферат барои мунъакис намудани маводи мавриди таҳқиқ аз диаграммаву гистограммаҳои мухталифшакл (формат) истифода намудааст, ки қобили таваҷҷуҳанд. Аммо беҳтар мебуд, агар он маълумотро дар нишондодҳои ҳамсон (формати ягона) ҷой медод.

3. Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои техникӣ ва иштибоҳоти имлоӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара **Қодиров Дилшод**

**Саидаллоевич** мусбат арзёбӣ гардида, дар он эродҳои зерин ба назар мерасад:

1. Муаллифи диссертатсияро зарур аст, ки дар ғаномандӣ ва истилоҳотсозии соҳаи ономастика ташаббус нишон дода, модулҳои тоҷикии истилоҳоти байналмилалиро, аз қабили полионимия, комонимия, хоронимия, астионимия ва агоронимия бо забони давлатӣ пешниҳод намояд ва дар таҳқиқи минбаъда истифода барад.
2. Дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ» муаллиф бештар ба масъалаи таърихи омӯзиши ономастика диққат дода, дар бораи дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқнамудаи худ чизе намегӯяд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд аст, ки ислоҳи он боиси беҳтар шудани сифати кори диссертатсионӣ мегардад.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ, муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар автореферат зарурати ҷой додани ихтисораҳоро намебинам, зеро автореферат худ фишурдаи диссертатсия буда, шаклҳои ихтисоршудаи калимаву ибораҳо дар он истифода нагардидаанд.
2. Диссертант дар муқаддимаи диссертатсия **мубрамии мавзуи таҳқиқро** хеле муфассал, яъне дар нуҳ банд (абзатс) шарҳ додааст, ки ба назари инҷониб андак мухтасар мебуд ба манфиати кор мешуд.
3. Дар автореферати диссертатсия камбудиҳои техникӣ ва ғалатҳои забонӣ ҷо доранд, ки бартараф намудани онҳо мазмуну муҳтавои кори диссертатсиониро боло мебарад.

**4. Тақризи** доктори фалсафа доир ба илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **Маҷитова Сабоҳат Ҷамиловна** ҳам мусбат буда, ҳамзамон бо зикри дастовардҳои илмӣ эродҳои зерин қайд шудаанд:

1. Бахшҳои «Мубрамии мавзуи таҳқиқ» ва «Қисмати навгонии рисола» ташреҳи муфассалтарро тақозо доранд. Хуб мешуд, ҳангоми нашри монография ба ҳамин чизҳо таваҷҷуҳ карда мешуд.
2. Дар диссертатсия ва фишурдаи он ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ислоҳ мехоҳанд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– **асоснок карда шудааст,** ки пажуҳиши забонии ономастикаи «Таърихи Бухоро» дар ташаккулу рушди забоншиносӣ ва такомули таъриху фарҳанги миллӣ мусоидат намуда, барои ҳалли масъалаҳои таърихи забон ва мушкилоти решашиносии номҳои таърихӣ мусоидат менамояд.

– **собит гардидааст,** ки маводи ономастикаи асар барои пажуҳиши минбаъдаи номшиносӣ ҳамчун заминаи муҳим хизмат мекунад.

– **муайян карда шудааст,** ки ҷойгоҳи лексикаи асар дар низоми дастури забон – ташреҳи истилоҳоти ҷуғрофӣ, рушди маъносозиву маънофаринӣ, шаклгирии гунанокӣ ва мавқеи онҳо вобаста ба категорияҳои таърихӣ, маъмурӣ ва ҳудудӣ аҳаммияти зиёд дорад.

– **таъин гардидааст,** ки қабати алоҳидаи маводи ономастикаи асар дар баробари пайванди забонӣ доштан ҷузъи муҳимми тасвиру тавсифи бадеӣ ва ҳодисаву воқеоти мухталифи таърихӣ маҳсуб меёбад.

– ономастикаи «Таърихи Бухоро» ба қабатҳои мухталифу серпаҳнои номбаршаванда тасниф гардида, маъноҳои фаровони таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ, фарҳангӣ, устуравӣ, динӣ ва дигар зарфияти ғании забонӣ доштани он **мушаххас шудааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад**, ки ин кори таҳқиқӣ дар рушди минбаъдаи ономастика, хусусан, омӯзиши қолабҳои номшиносии тоҷик дар мисоли осори таърихӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои амалии пажуҳиш дар таҳияи номномаҳо, фарҳангу луғатномаҳои номшиносӣ, фарҳангномаҳои соҳавӣ, таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсии мансуб ба таърихи забон, хондани курсу семинари махсус оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, риштаи филологӣ, ҷуғрофия, сотсиология, таърих, фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ёрӣ расонида метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқро зимни омӯзиш ва баррасии вожашиносии таърихӣ, таърихи забон, шевашиносии таърихӣ, ҳангоми тартиб додани луғатҳои номшиносию чандзабона, номномаҳо, хондани курсҳои махсус ва машғулиятҳо оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар макотиби олии кишвар истифода намудан мумкин аст.

Зимни пажуҳиши аз таҳқиқот ва таҷрибаи илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла С. Роспонд, В.В. Бартолд, Э.М. Мурзаев, В.А. Никонов, А.В. Суперанская, О.Н. Трубачев, В.Н. Топоров, А.П. Дулзон, Ю.А. Карпенко, Е.М. Поспелов, А.И. Попов ва муҳаққиқони ватанӣ А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А.А. Абдунабиев, С. Сулаймонов, Ш. Исмоилов, Ҷ. Алимӣ, О. Муҳаммадҷонзода, Д.Р. Ҳомидов, Б. Тураев, С. Абодуллоева, Р. Шоев, М. Шодиев, Д. Майнусов, С. Шералиева, Э.А. Абдусамадзода, Ш. Гуламадшоев, Ф. Давлатова, Ҷ. Рустамшо, Ш. Рустамшо, М.Б. Саидов, Ш. Ҳайбуллоев, М. Қаюмова ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои таҳқиқоти сохторӣ, синхронӣ, диахронӣ, тасвирӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва дар мавридҳои зарурӣ аз методи квантитативӣ (миқдорӣ, оморӣ) истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии кори диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи фарҳангу луғатномаҳои номшиносӣ, чандзабона ва луғатҳои соҳавӣ, аз ҷумла луғатҳои забоншиносӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ, фарҳангшиносӣ ва ғайра, таҳия ва тартиб додани дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, омӯзиши баъзе масъалаҳои таърихи забон, ҳангоми хондани курсҳои омӯзишӣ ва семинарҳои илмӣ оид ба масъалаҳои номшиносӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, натиҷаҳои амалии ин пажуҳиш зимни таҳқиқ ва баррасии вожашиносии таърихӣ, таърихи забон, шевашиносии таърихӣ, дар раванди хондани курсҳои махсус ва машғулиятҳо оид ба масоили марбут ба номшиносӣ дар макотиби олии кишвар метавонад истифода гардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар кори диссертатсионӣ аз таҳқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, луғатнигорон ва сарчашмаҳои таърихӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷамъоварӣ ва таснифоти маводи ономастикӣ, таснифи дурусти қабатҳои онимӣ, коркарди маводи мавриди пажуҳиш, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи мавриди пажуҳиш, теъдоди интишорот доир ба мавзуъ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ дар заминаи таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои бадастомадаи фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дарки амиқи масъалаҳои дар диссертатсия тарҳрезишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, тавсияҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мушаххас баён гардидани мавқеи ӯ

нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ муайян менамояд. Ҳамчунин, саҳми бевоситаи муаллифи рисола дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ҷанбаҳои назарию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, ономастикони асарро аз нигоҳи сохтор, маъно ва мансубияти забонию решашиносӣ бо истифода аз методҳои тасвирӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва квантитативӣ (миқдорӣ, оморӣ) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам меорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ, хусусан, масоили марбут ба ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10-уми апрели соли 2025 дар бораи сазовор донистани Қурбонзода Рудобаи Исмоил ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6D020502 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.

10.04.2025.